**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба Заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад дар мавзӯи *« Шароитҳои геоэкологӣ ва дурнамои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди «Резервати биосфери Ромит»* барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – соҳаи илмҳои география).

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пегниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад дар мавзӯи *«Шароитҳои геоэкологӣ ва дурнамои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди «Резервати биосфери Ромит»* барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – соҳаи илмҳои география), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионии якдаъфаина мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 –уми апрели соли 2025, тахти №163/хя ҳуқуқи қабули диссертатсияи Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи диссертатсияи Раҳимзода Б. А. ба яке аз масъалаҳои мубрами аҳамияти калони сайёҳию геоэкологӣ доштаи замони муосир – дурнамои рушди сайёҳии экологӣ

бахшида шуда, ва ба такмили рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди “Резервати биосферии Ромит” нигаронида шудааст.

Дар ҷаҳони муосир соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои ташаккулёфтаи иқтисодиёти ҷаҳон ба шумор меравад, ки дар тараққиёт ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакатҳо ва минтақаҳои чаҳон нақши муҳимро мебозад.

Сарватҳои бойи сайёҳӣ ва шароити мусоиди табиӣ-экологӣ ва географии табиати мамлакатро ба инобат гирифта, роҳбарияти мамлакат, таҳти сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон диққати ҷиддиро ба рушди соҳаи сайёҳӣ равона намудааст. Эълон намудани соли 2018 – «Соли рушди соҳаи сайёҳӣ», солҳои 2019-2021 – «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва фароҳам овардани имтиёзҳо барои пеш бурдани фаъолияти соҳаи сайёҳӣ таъсиргузор мебошад, ки ин бори дигар ғамхории роҳбарияти ҷумҳуриро нисбати рушди соҳаи сайёҳӣ исбот месозад.

Дар баробари ин, таҳлилҳои соҳавӣ нишон медиҳад, ки дар замони муосир минтақаҳои ҷумҳурӣ захираҳои сайёҳии худро бесамарона истифода мебаранд (15-18%). Маълум гардид, ки шумораи зиёди объектҳои сайёҳии ҷумҳурӣ (ба монанди объектҳои табиӣ ва таърихӣ-фарҳангӣ) бо сабабҳои гуногун дар самти истифодабарии сайёҳӣ-рекреатсионии табиат дастнорас мондаанд.

Бояд қайд кард, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам ва зарурӣ буда, таваҷҷуҳи бештари мутахассисони соҳаи география ва сайёҳиро талаб мекунад.

Яке аз мавзеъҳои ҷолиби сайёҳии ҷумҳурӣ, ки дар солҳои охир ҳар чи бештар объекти таваҷҷуҳи сайёҳон гардидааст, ин ҳудуди резервати биосферии Ромит мебошад. Таҳқиқи шароити табиӣ-геоэкологии ин мавзеи ҳифзшаванда ва арзёбии зарфияти он имконияти идоракунии самараноки табиатистифодабарии сайёҳии мавзеъро таъмин намуда, ба

таври объективӣ ҷавобгӯй ба ҳадафҳои стратегии рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва экологии мамлакат мебошад, масоили татбиқи он ҷавҳари асосии диссертатсияи Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳадро ташкил медиҳад.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, 4 боб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст. Ҳаҷми умумии рисола аз 176 саҳифаи чопи компютерӣ, аз ҷумла 22 расм ва 13 ҷадвал иборат мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 173 ададро ташкил медиҳад.

Автореферати диссертатсия дар шакли матн дар ҳаҷми 26 саҳифа пешниҳод шудааст, аз муқаддима, тавсифи умумии тадқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда), хулоса ва тавсияҳое, ки дар он ҷамъбасти мухтасари таҳқиқот дарҷ гардидааст, инчунин аз руйхати адабиёту феҳристи интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ (бо шарҳ ва соҳаи таҳқиқот).** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботҳои бандҳои 1.10, 1.16 ва 1.17-и шиносномаи тахассуси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунииии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география) мутобиқат менамояд:

1.10. Коркарди асосҳои илмии истифодаи самаранок ва ҳифзи захираҳои об, ҳаво, замин, рекреатсионӣ, маъданӣ ва энергетикии Замин;

1.16. Ҷанбаҳои геоэкологии рушди устувори минтақаҳо;

1.17. Арзёбии геоэкологии ҳудудҳо. Усулҳои муосири харитасозии геоэкологӣ, системаҳои иттилоотӣ дар геоэкология.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар диссертатсия бори аввал тавсифи шароитҳои табиӣ-геоэкологӣ ва иқтидори захиравии «РБР» таҳқиқ гардида, баҳодиҳӣ ба он ҳамчун сарчашмаи рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ нишон дода шудааст. Механизми баланд бардоштани самаранокии иқтидори захиравии резервати биосферӣ ва намуна (модел)-и пурраю мусоиди рушди устувори фаъолияти сайёҳии экологӣ, барои ворид

намудан ба ҳудуди «РБР» коркард шудааст. Мушкилоти асосии соҳа муайян гардида, афзалиятҳои рушди босуботи фаъолияти сайёҳии экологӣ бо назардошти хусусиятҳои хоссашон асоснок карда шуданд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

- Истифодабарии сайёҳии табиати ҳудуди «РБР» ба дараҷаи зарурӣ инкишоф наёфтааст. Барои таъмин намудани мувозинати ҳифзи табиат, иқтисодёт ва иҷтимоиёт, дар заминаи асоснокии нави илмӣ истифодабарии устувори табиат ва таъсири мултипликативӣ ба тамоми самтҳои ҷамъиятӣ ва системаи ҳифзи муҳити зист зарур мебошад.
- Механизми ташаккулёфта ва пешниҳодҳои феҳристи корҳои ба анҷомрасонидашуда, дурнамо ва афзалияти ташаккули фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар заминаи баҳогузорӣ намудани неруи захиравии ҳудудӣ барои ҳалли мушкилоти ташкили фаъолияти сайёҳии экологӣ дар ҳудуди «РБР» асос шуда метавонанд.
- Модели комплексии таҳияшудаи рушди устувори фаъолияти сайёҳии экологӣ ҳамчун намунаи таъсирбахши идоракунии самараноки истифодабарии табиат дар фаъолияти сайёҳии экологӣ маҳсуб меёбад. Модели мазкур аз маҷмуи меъёрҳои фаъолияти иқтисодӣ, экологӣ-таълимӣ ва муайян сохтани вазифаҳои қисмҳои алоҳидаи он: нуфузи ташкилотӣ, идоракунӣ, табиӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ иборат буда, то ҳадди аққал кам намудани таъсири антропогениро ба комплексҳои табиӣ, муҳофизати гуногуннамудии биологӣ ва ландшафтҳо мусоидат менамояд.
- Бартараф намудани мушкилот дар самти пешбурди фаъолияти сайёҳии экологӣ дар ҳудуди «РБР» ба воситаи ташкил намудани силсила-чорабиниҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва ташаккули пешбурди фаъолияти муосири сайёҳӣ-рекреатсионӣ пешбинӣ мешавад.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он ба

фаҳмишӣ амиқи равандҳои истифодаи сайёҳии экологӣ дар табиат ва минтақаҳои ҳифзшуда - аз нигоҳ доштани шаклҳои анъанавии истифода то ташаккули шароити рушди устувор мусоидат мекунанд. Ин равандҳо на танҳо ба ташкили сайёҳӣ, балки ба соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳаёти аҳолии маҳаллӣ ва умуман, ҷомеа низ таъсир мерасонанд. Таҳқиқоти гузаронидашуда бо муносибати комплексӣ фарқ мекунад, ки дар он тағйирот ҳам дар муҳити беруна ва ҳам дар муҳити дохилии фаъолияти ташкилот баррасӣ карда мешавад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои ба дастовардашуда, хулоса ва тавсияҳо метавонанд дар самтҳои зерин роҳандозӣ шаванд:

– ҳангоми баҳодиҳии шароитҳои табиӣ ва ҳудуди ландшафтии мавзеи ҳифзшаванда бо мақсадҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ барои доираи васеи аҳолӣ ҳамчун асоси илмӣ-амалӣ хизмат кунанд;

– барои ҳалли масъалаҳои экологӣ ва ҷойгиршавии нақшаи объектҳои экологӣ-рекреатсионӣ дар ҳудуди ҳифзшаванда ва гузаронидани чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист ба кор бурда шавад;

– натиҷаҳои ба дастовардашуда метавонанд барои таҳқиқи минбаъдаи ташкил намудани фаъолияти ҳудудии сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар марзи ҲТММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳудудҳои ҳамсарҳад, инчунин таҳияи базаҳои методологӣ барои асоснокии илмии стратегияи рушди минтақавӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ истифода бурда шаванд. Ҳамзамон, қисматҳои ҷудогонаи диссертатсия метавонад аз ҷониби мутахассисони «Резервати биосферии Ромит» ва бахшҳои ноҳиявӣ оид ба сайёҳӣ, инчунин кормандони ҲТММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми коркарди стратегияи устувори истифодабарии табиати ҲТММ мавриди истифодабарӣ қарор диҳанд.

Ҳамин тавр, дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот, объект ва предмети мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифҳои он, асосҳои методологӣ, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва хаҷми диссертатсия ба таври зарурӣ пешбинӣ гардидааст.

Боби якум **«Асоноккунии назариявӣ-методологии сайёҳии экологӣ ҳамчун шакли устувори истифодабарии табиат»** номгузорӣ шуда, тамоюлоти ҷаҳонӣ ва роҳҳои рушди сайёҳии экологиро таҳлил ва моҳияти сайёҳии экологӣ ҳамчун шакли оқилонаи истифодабарии табиат, роҳҳои геоэкологии омӯзиши фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ ошкор гардидааст. Унвонҷӯй дар ин боб қайд намудааст, ки дар омӯзишу таҳлилҳои ҳаматарафаи сайёҳии экологӣ саҳми олимони тоҷик Х.М. Мухаббатов, Р.Д. Диловаров, У.И. Муртазаев, А.А. Мамадризохонов, М.И. Қодирова, Д.Н. Ёров, Ш.Д. Гадоев, Х.Е. Карамхудоев ва дигарон назаррас мебошад.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки **Хусусиятҳои геоэкологии таркибҳои сайёҳӣ-рекреатсионии ҳудуди «РБР»** номгузорӣ шудааст, маълумоти муқаддимавӣ дар бораи резерват оварда шуда, тавсифи табиии минтақаҳои геосистемавӣ, шароитҳои геологӣ-геоморфологӣ, шароитҳои иқлимӣ, қабати хоки ҳудуди резерват, маълумот оид ба олами наботот ва ҳайвоноти табиати мавзеъ гирд оварда шудааст. Дар ин боб қайд гардидааст, ки «Резервати биосферии Ромит» (собиқ мамнуъгоҳи давлатии табиии «Ромит») дар асоси Қарори Ҳукумати ҶШС Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 1959 таъсис дода шудааст, мувофиқи Қарори махсуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми августи соли 2013 (№ 346) ба Мамнуъгоҳи давлатии табиии «Ромит» мақоми «Резервати биосферии Ромит» дода шуд.

Дар боби савум «**Харитаи роҳбаладии фаъолияти сайёҳии экологӣ дар ҳудуди «РБР»** масъалаи омӯзиши вазъи соҳаи сайёҳии ҳудуди «РБР» таҳлил карда шуда, дар он ҷанбаҳои асосии фаъолияти СЭ, механизми идоракунии устувори танзими раванди истифодабарии захираҳои СЭ оварда шудааст. Ҳамзамон, моҳияти модели комплексии таҳиягардидаи рушди устувори фаъолияти сайёҳии экологӣ барои шароити резерват ҷорӣ намуда, нақши элементҳои алоҳидаи он таҳлил карда шудааст.

Маводҳои пешниҳодшуда ҳамчун асоси назариявӣ барои ба нақшагирӣ, пешгӯӣ ва батартибдарории фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ ва ҷорӣ намудани асосҳои меъёрию ҳуқуқии танзими фаъолияти он бо назардошти ихтилофоти ҳифзи табиӣ ва иҷтимоӣ - иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Унвонҷӯй дар натиҷаи таҳқиқот маълум намудааст, ки сатҳи иқтидори захиравии минтақаи таҳқиқшуда ба сатҳи миёнаи иқтидори захиравӣ мутобиқат мекунад (50-69%) (миёна) k3p2.

Натиҷаҳои таҳлилҳои гузаронидашуда оид ба иқтидори захиравии минтақа, имконияти таъсис додани замина барои коркарди роҳҳои гуногуни самаранокии истифодабарии иқтидори захиравии ҳудуди ҳифзшаванда барои рушди сайёҳии экологӣ, бахусус муайян сохтани воситаҳои калидии ин ҷараён дар мувофиқат бо омилҳои таъсирноки истифодабарии иқтидори захиравӣ шароит фароҳам меоварад.

Дар ин қисмати диссертатсия бо дарназардошти гуфтаҳои боло, нақшаи генералӣ оид ба рушди соҳаи СЭ ҳудудӣ таҳия карда шудааст. Он имконият медиҳанд, ки минтақаҳои банақшагирифташудаи объектҳои асосии сайёҳӣ-рекреатсиониро дар ҳудуди резервати биосферӣ бо назардошти талаботи экологӣ ва хусусиятҳои табиӣ ба таври оптималӣ муайян намоем.

Дар боби чаҳорум - «**Дурнамои рушди фаъолияти сйёҳии экологӣ дар ҳудуди «РБР»** самтҳои афзалиятноки фаъолияти СЭ пешниҳод гардида, мушкилоти асосии соҳа нишон дода шудааст.

Таҳлили вазъи соҳаи сайёҳии ҳудуди резерват нишон додаст, ки ба қатори мушкилоти асосии соҳа омилҳои зерин дохил мешаванд:

- мавҷуд набудани механизмҳои натиҷабахш ва моделҳои рушди СЭ дар ҳудуди резерват, ки имконияти исбот сохтани мустақилият ва самаранокии худро дар шароитҳои бозори муосир дорад;
- мавҷуд набудани маркази танзимкунандаи самараноки амалкунандаи фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар сатҳи давлатӣ, минтақавӣ ва ҳудудӣ;
- мавҷуд набудани ҳисоботи оммавӣ доир ба фаъолияти сайёҳии ҳудуди «РБР» дар сомонаи резерват;
- муаррифӣ ва пешбарии сусти шароитҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ, объектҳо, маҳсулоти сайёҳӣ, хатсайрҳои СЭ ҳудуди резерват, ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам дар сатҳи бозори сайёҳии байналхалқӣ;
- набудани сохтори махсус, ки фаъолияти экскурсионӣ-маърифатӣ ва сайёҳатиро дар ҳудуди резерват амалӣ созад;
- паст будани шуурнокии аҳолии маҳал дар самти экология ва сайёҳӣ;
- дараҷаи пасти малакаи тахассусии кормандони резерват;
- мавҷуд набудани хатсайрҳои сайёҳӣ, пайраҳаҳои СЭ мувофиқи талаботи ҳуҷҷатҳои регламентии таҷҳизонидашуда, дидбонгоҳҳои назоратӣ ва дигар воситаҳо бо назардошти системаи ҷобаҷокунии маҷмааи рекреатсионӣ;
- мавҷуд набудан ё сатҳи пасти шароити инфрасохтори СЭ (шароитҳои зист, таъминоти хӯрок, воситаҳои нақлиёт), дастрас набудани маълумоти махсуси тахассусӣ дар бораи захираҳои резерват, масалан: намудҳои растаниҳо ва ҳайвонот бо эзоҳот, номгӯйи намудҳои эндемикии нодир ва дар ҳолати нестшавӣ карордоштаи набототу ҳайвонот;

- механизмҳои муайянсозии фаъолияти рекреатсионии имконпазир ва мониторинги натиҷаҳои СЭ муқаррарнашуда;
- мавҷуд набудани маводҳои иттилоотӣ-ташвиқотии босифат ва имконоти баромадан ба бозори байналхалқӣ;
- мавҷуд набудани маҳсулоти махсуси сайёҳӣ дар базаи «РБР»;
- коркарди нокифояи базаи меъёрӣ-ҳуқуқии ба ҳифзи муҳити табиат ва истифодаи захираҳои ҳудуди резерват алоқаманд;
- маблағгузории нокифояи резерват барои нигоҳ доштан ва азнавкунии пайраҳаҳои экологӣ, осорхонаҳо, дидбонгоҳҳои назоратӣ ва дигар таҷҳизоти муҳим барои гузаронидани фаъолияти гуногуни СЭ.

Унвонҷӯй дар ин боб қайд намудааст, ки барои ташкил намудани инфрасохтори сайёҳӣ дар ҳудуди резерват дар навбати аввал бояд сохторҳои давлатӣ ва қисман сармоягузорони ватанӣ ҷалб карда шаванд.

Ба қатори амалҳои афзалиятнок, дар заминаи бинои асосии «Резервати биосферии Ромит» ташкил намудани марказҳои иттилоотӣ ва тиббӣ, ба роҳ мондани фаъолияти хизматрасониҳои иловагӣ оид ба қабули сайёҳон, ташкили корхонаҳои фурӯши тухфаҳо, маҳсулотҳо барои ҳадя зарур аст. Ҳамзамон, дар диссертатсия пешниҳод намудани маҳсулоти нодири истеҳсоли маҳаллии инъикоскунандаи хусусиятҳои миллӣ-минтақавӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии фарҳангӣ-маишӣ зарур шуморида мешавад.

Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқот пешбинишуда боэътимод ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, бо усулҳои умуми илмӣ ва махсуси илмии дар таҳқиқот истифодашаванда таъмин карда шудаанд. Бисёре аз муқарраротҳо, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқот баён шудаанд, навгонии илмӣ мебошанд.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар диссертатсия зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст.

Инчунин, автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ инъикос намуда, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 15 мақолаи илмии муаллиф инъикос гардидааст, ки аз ин шумора 7 адади он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд.

Аз мазмуну муҳтавои диссертатсия ва автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале новобаста ба ин, баъзе камбуди□ои □узъ□ дар ин самт ҳамоно боқӣ мондаанд, аз □умла:

1. Дар баъзе мавридҳо  хатогиҳои илмовӣ ба назар мерасад.
2. Матни расмҳои 7, 8, 9, 10 (дар авторефера) бо мушкили хонда мешавад.
3. Шароитҳои геоэкологӣ ва дурнамои рушди сайёҳии экологии ҳудуди резервати биосферии Ромит бо ягон ҳудуди дигари минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоиса карда нашудааст. Аз таҳлили диссертатсияи мазкур бармеояд, ки вобаста ба масъалаи мазкур муаллиф ҳангоми ба амал баровардани таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври пурра диққати худро равона накардааст.

Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Раҳимзода Б.А. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба

ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, таҳқиқоти анҷомдодаи Раҳимзода Б.А. мусбат мебошад, зеро он пажуҳиши илмӣ бо забони давлатӣ оид ба шароитҳои геоэкологӣ ва дурнамои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди резервати биосферии Ромит мебошад ва саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи геоэкология нишон медиҳад. Муаллифи диссертатсия Раҳимзода Бахтиёр сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 - Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.26.02-Соҳаи илмҳои география) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

номзади илмҳои геология - минералогия,
дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ
ва демографияи МДТ «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Саидова Д.Н.
06.08.2025

Имзои Д.Н. Саидоваро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" Сайдулозода З.С.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б.Мавлонбекова 1.
E-mail: https://www.hgu.tj/Тел.: (992-3422) 6-52-73